# 11228 - Ҳукми Малаак ном гузоштан

**савол**

Оё ба духтар Малаак ном гузоштан ҷоиз аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Абдураҳмон Ал-Баррок (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) дар мавриди духтарро Малаак ном гузоштан пурсида шуд, дар ҷавоб гуфт: Ин номро нагузоштан бо ду сабаб беҳтар аст:

1. Мақсад аз Малаак, Малак (مَلَك) [фаришта] аст. Дар ин ном муболиғаест оиди касе, ки ба ӯ ин ном гузошта шудааст.

2. Ин ном дар назди насоро машҳур аст. Онҳо калимаи малак (مَلَك)_ро малаак (مَلاَك) талаффуз мекунанд. Номҳои некӯе, ки дар он шубҳае нест, хеле зиёданд. Бояд ин номҳои некӯ ба ҷои номҳое, ки ишкол ё шубҳае доранд, истифода шаванд.